# 70 соли

# БОБАРОРУ КОМЁБИҲО МУБОРАК!

*Ба декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Раҳмон Дилшод Сафарбек, ҳайати устодони гиромиқадр ва донишҷӯёни факултет*

*Устодони гиромиқадр,*
*донишҷӯёни муҳтарам,*

*Воқеан касби ҳуқуқшиносӣ дар таҷрибаи давлатдорӣ баҳри таъмини волоияти қонун, таҳия ва амалигардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва кафолати зиндагии осоиштаи мардум муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар иҷрои ин рисолат ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос нақши факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон басо бузург аст.*

*Имрӯзҳо хатмкардагони ин факултети бонуфуз дар сафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ содиқонаву софдилона ва поквиҷдонона кору фаъолият намуда истодаанд.*

*Барои ман низ, боиси шарафмандист, ки солҳои 1997-2002 дар ин боргоҳи илму маърифат сабақи касб ва зиндагӣ омӯхтам ва бо эътимоди бузург ҳамарӯза дар фаъолияти касбӣ аз он истифода менамоям.*

*Умедворем, ки мову Шумо минбаъд низ дар якҷояги ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия ва ба камол расонидани мутахассисони варзида дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ бо мақсади содиқона иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ, қарзи шаҳрвандӣ, рисолати инсонӣ ва махсусан саҳмгузорӣ дар татбиқи сиёсати созанда ва хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат саъю талош хоҳем кард.*

*Бори дигар аз номи Ҳайати мушовараи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Шумо, ҳайати профессорону омӯзгорон, донишҷӯён ва хатмкардагони факултетро ба ифтихори 70 - солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, дар иҷрои вазифаҳои басо масъулиятнок ва рисолати пурифтихоратон барору комёбиҳо орзу менамоям.*

*Бо эҳтиром,*
*Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш* — *А. Абдуллозода*